**САФОРАТИ ҶОПОН ТОҶИКИСТОН**

Шаҳри Душанбе, кӯчаи Н.Назаров, 80/А
Тел: 992 (372) 27 54 36/46; Факс: 27 54 49
E-Mail: embjpn@db.mofa.go.jp

From the People of Japan

**EMBASSY OF JAPAN TAJIKISTAN**

80/A, H. Nazarov Str., Dushanbe, Tajikistan
Tel: 992 (372) 27 54 36/46; Fax: 27 54 49
E-Mail: embjpn@db.mofa.go.jp

# ИЗҲОРОТИ МАТБУОТӢ

## Ҳукумати Ҷопон барои рушди захираҳои башарӣ дар Тоҷикистон 2,2 миллион доллари Амрикоиро ҷудо менамояд

**Душанбе, ТОҶИКИСТОН**
**15 августи соли 2025**

15 августи соли 2025 дар шаҳри Душанбе Ёддоштҳо байни Ҳукумати Ҷопон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хусуси амалигардонии барномаи "Лоиҳаи рушди захираҳои башарӣ" (JDS) (маблағи умумии грант: тақрибан 2,2 миллион доллари ИМА) аз ҷониби Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷопон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хонум Кэйко ФУРУТА ва Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаноби Сироҷиддин МУҲРИДДИН ба имзо расонида шуда табодул гардиданд.

Барномаи JDS барои ҳалли масъалаҳои рушди Тоҷикистон равона шудааст ва ҳар сол ба 15 нафар хизматчиёни давлатии ҷавон, ки интизор меравад роҳбарониояндаи кишвар шаванд, стипендия медиҳад, то тавассути барномаи магистратураи дусола дар муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷопон дараҷаи магистр ё докторро ба даст оранд.

Барномаи JDS барои Тоҷикистон соли 2009 оғоз ёфт. То имрӯз дар ин барнома 136 нафар хизматчиёни давлатии ҷавони Тоҷикистон иштирок кардаанд, ки аз онҳо 102 нафар дараҷаи магистр ва як нафар дараҷаи докторро гирифтааст. Пас аз бозгашт ба Тоҷикистон, 37 нафари онҳо ба мансабҳои роҳбарӣ ё вазифаҳои баландтар дар муассисаҳои худ таъин шудаанд.

*Дар моҳи феврали соли ҷорӣ Ҷопон ва Тоҷикистон 33-юмин солгарди таъсиси муносибатҳои дипломатиро ҷашн гирифтанд. Дар тӯли ин солҳо муносибатҳои дуҷониба ҳамеша дар фазои дӯстона рушд ёфтаанд. Ҷопон беш аз 30 сол боз бо Тоҷикистон барои дастгирии рушди устувори он дар соҳаҳои мухталиф, аз ҷумла об, тандурустӣ ва хадамоти тиббӣ, маориф, энергетика, нақлиёт ва идораи марз ҳамкорӣ мекунад. Маблағи умумии кумакҳои бебозгашт ва ҳамкориҳои фаннии Ҷопон ба Тоҷикистон то соли 2024 ҳудуди 540 миллион доллари амрикоиро ташкил медиҳад.*

*Ҷопон ва Тоҷикистон дар чаҳорчӯби Муколамаи "Осиёи Марказӣ ҷамъи Ҷопон" ҳам ҳамкорӣ мекунанд. Ҷопон дар соли 2004 пешравии чаҳорчӯби "C5+1"-ро пештар аз шарикони дигар пешбарӣ кард ва тӯли 20 сол на танҳо тавассути муколамаҳо дар шаклҳои гуногун, аз ҷумла мулоқотҳои вазирони корҳои хориҷӣ, балки тавассути ҳамкориҳои амалӣ ба натиҷае ноил шудааст. Зиёда аз ин, ба максади минбаъд инкишоф додан ва мустаҳкам намудани ҳамкориҳо баргузории нахустин нишасти Муколамаи "Осиёи Марказӣ ҷамъи Ҷопон" дар назар аст.*

